# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ДАР МАВЗУИ «ТИРГОН– ҶАШНИ ГИРОМИДОШТИ ОБ»

8-уми августи соли 2025 бо ташаббуси роҳбарият ва кормандони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, бахшида ба таҷлили ҷашни Тиргон тибқи дастури Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Тиргон – ҷашни  об» баргузор гардид.
Семинарро Ниёзӣ Сироҷиддин - директори пажӯҳишгоҳ  ҳусни оғоз бахшида, таъкид намуд, ки  дар даврони соҳибистиқлолӣ бо иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва талошҳои Ҳукумати мамлакат арзишҳои миллии мардуми тоҷик умри дубора пайдо намуда, хосатан ҷашни Тиргон тибқи қонуни “Дар бораи рузҳои ид” ба феҳристи рӯзҳои ид дар ҷумҳурӣ  шомил карда шудааст.
Мавсуф ҳамчунон қайд намуд, ки Тиргонро метавон чун ҷашни об маънидод намуд, ки бо муҳтавои фарогир ва тарзи таҷлили худ, метавонад нақши пайвандгари таърихи ниёгони моро бо ҳаёти имрӯзаи миллати тоҷик дар сатҳи баланд иҷро намояд. Аз ин рӯ, гиромӣ доштани он ва ба ҷашни ҳақиқии мардумӣ табдил додани Тиргон қарзи виҷдонии ҳар як аъзои ҷомеаи муосири тоҷик ба шумор меравад.
Дар рафти семинар Пулатова Гулсара - ходими калони илмии пажӯҳишгоҳ дар мавзуи “Тиргон-ҷашни об ва пайванди наслҳо” маъруза намуда, роҷеъ ба решаҳои таърихии ҷашни Тиргон ҳамчун ифодакунандаи арзишҳои ҷомеаи инсонӣ, хусусиятҳои сулҳофарии он, ҳамбастагиву ҳамкории фарҳангиву ойинҳои гуногун суханронӣ намуд.

Семинар бо натиҷагирӣ аз муҳокимаҳои илмӣ ва таҳлили пешниҳодоти иштирокчиён ба анҷом расид.






08.08.2025 10:13